**Ба Шӯрои диссертатсионӣ 6D.КОА – 002-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш.Душанбе, хиёбонӣ Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Қурбонализода Фурқат дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя роҳ дода шудааст.** Мавриди зикр аст, ки мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонализода Фурқат тибқӣ яке аз бандҳои нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои солҳои 2016-2020, ки «Инкишофи мавзӯи танзими ҳуқуқи гражданӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» номгузорӣ шудааст, омода гардидааст. Ҳамин тавр, таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пурра мутобиқат менамояд.

**Мубрам будани мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Дар шароити муосири рушди бозори хизматрасониҳои музднок масъалаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон аҳаммияти бузург дорад. Аз ҳалли ин масъалаҳо проблемаҳои дигари ба онҳо алоқаманд, масалан, таъмини интизом ва ҳосилнокии меҳнат, бехатарии кору заҳмати инсон, коргар ва хизматчӣ, ҷиҳатҳои дигари иҷтимоии иқтисоди меҳнат вобастагӣ доранд.

Дар моддаи 10-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) муқаррароте сабт шудааст, ки тибқи он «давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд». Риояи дурусти ин меъёр ба некуаҳволии умумии иштирокчиёни бозори молӣ ва татбиқи ҳадафҳои

стратегии мамлакат мусоидат мекунад. Бо назардошти ин мулоҳизаҳо, ҷавобгарии мусофиркашон дар мавриди ҳуқуқвайронкунӣ ва истифодаи босалоҳияти механизми ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ заминаи муҳимми инкишофи ҳаёти ҳуқуқӣ ва волоияти қонун на танҳо дар соҳаи нақлиёти иқтисоди миллӣ, балки дар ҳама соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ (соҳибкорӣ ва ғайрисоҳибкорӣ) ба шумор меравад.

Дар соҳаи ҳамлу нақли бор ва мусофиркашонӣ бисёр вақт ҳуқуқвайронкуниҳо ва ихтилофоте сар мезананд, ки сабабҳои гуногун доранд ва бояд дар меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ инъикоси баробарвазни хешро пайдо намоянд. Ҳимоя шудани ҳуқуқҳои субъективии мусофиркашон ва контрагентҳои он аз бисёр ҷиҳат ба самарабахшии институти ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ вобаста аст, ки ҳамин масъала аҳаммияти мавзӯи ин таҳқиқотро исбот намуда, зарурати коркарди равишҳои навро оид ба ҳалли проблемаҳои ба ин институти ҳуқуқи гражданӣ алоқамандро ба миён мегузорад.

Танзими ҳуқуқии равобити нақлиётӣ барои бехатарии худи нақлиёт, инкишофи он, инчунин риояи манфиатҳои қонунии муштариёни ташкилотҳои нақлиётӣ аҳаммияти хосса дорад. Нақлиёти мусофиркашонӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини алоқа ва навъи мунтазам рушдёбандаи нақлиёт ба ҳисоб меравад. Самаранокии дигар соҳаҳои иқтисодӣ миллӣ аз пешбарии дурусти кори ҳуқуқӣ ва инфрасохтори хизматрасониҳои судманд вобастагӣ дорад.

Аз ин сабаб, танзими ҳуқуқии соҳаи мусофиркашонӣ солҳои охир мунтазам таҷдиди назар мешавад. Дар низоми меъёрҳои ҳуқуқии дахлдор ҳамон қисмаш махсус зоҳир мешавад, ки муносибатҳои ҳуқуқи граждаииро ба танзим медарорад, ки дар навбати худ онҳо ҳангоми хизматрасониҳои нақлиётӣ ба вуҷуд меоянд. Ҳамчун гиреҳкушои асосӣ дар чунин муносибатҳо шартномаи ҳамлу нақл хизмат мекунад. Баамалбарории ҳуқуқ ва иҷрои уҳдадориҳои тарафҳои шартнома, муайян намудани ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон аз рӯи қонунгузории ҶТ мавзӯи таҳқиқоти мазкур ба ҳисоб меравад (саҳ. 3,4).

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ** дар нуқтаи назари муаллиф ҷиҳати коркарди асосҳои назаривӣ ва амалии муайянсозии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон, дар муайян намудани ин мафҳум ва аломатҳои он, дар таҳлили хусусиятҳои чораҳои ҳимоя ва чораҳои ҷавобгарии молумулкие, ки мусофир ҳангоми иҷрои номатлуби уҳдадориҳои мусофиркашон пешниҳод месозад, инчунин дар дохил намудани пешниҳодот оид ба такмили механизми ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон ифода ёфтааст (саҳ. 9).

Муаллиф дар доираи 2 боб ва 6 зербоб ба таври пурра тавонистааст, ки ба ҳадафу вазифаҳои дар назди худ гузошта ноил гардад. Боби якуми диссертатсия - «Тавсифи умумии ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» буда, аз чор зербоб иборат мебошад. Муаллиф ба таври дақиқ, асоснок ва ҳаматарафа мафҳум ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашонро, уҳдадориҳои муфофиркашон, чораҳои ҳимоя ва чораҳои ҷавобгарии молумулкӣ, ки ҳангоми иҷро накардани уҳдадориҳои мусофиркашон ва ҷавобгарии мусофиркашон аз мавқеи фаҳмиши муосири ҷавобгарии ҳуқуқи граждани баррасӣ намудааст. Ба андешаи ӯ барои дарки дурусти мафҳуми «ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон» зарур аст, ки унсурҳои зерини мундариҷаи ҳуқуқии ба ин мақула (категория) дохилшуда тавзеҳ дода шаванд:

а) Ҷавобгарии ҳуқуқи граждани. Ин мафҳум нуқтаи асосӣ барои фаҳмиши таъйинот ва татбиқи дурусти меъёрҳоест, ки дар ин мафҳум инъикос доранд. Бо назардошти ин, категорияи мазкур таҳлили ҳамаҷонибаро мехоҳад, зеро рӯйкардҳо ба тавзеҳи он мухталиф мебошанд;

б) Мусофиркашон мафҳумест, ки дар муносибатҳои ҳуқуқи граждани нақши ҳалкунанда дошта, маҳз аз мавқеи муайянкунии масъулияти ҳамин ҷониб оид ба муносибатҳо дар соҳаи нақлиёт;

в) Мусофир – ин мафҳум дар таҳқиқоти илмӣ, мисли мусофиркашон, ки дар худ бори маънои муҳим дорад. Шахси воқеие мебошад, ки хизматрасонии мусофиркашон эҳтиёҷоти ӯро оид ба ҳамлу нақл қонеъ мегардонад (саҳ. 18,19).

Аҳаммияти зербоби якуми боби аввал дар он мебошад, ки ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон аз нигоҳи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ таҳлил гардида, зарурати танзими муносибатҳои мазкур ошкор шуда, ҷиҳати омӯзиши он дар доираи илмӣ ҳуқуқи гражданӣ муаллиф бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

Муаллиф дар зербоби дуюми боби аввал қайд менамояд, ки аз рӯи шартномаи мусофиркашонӣ мусофиркашон уҳдадор аст, ки мусофирро тавассути ҳавопаймо ба макони сафараш бо пешниҳоди ҷойи нишаст тибқи нишондоди чипта бурда расонад. Дар ҳолати бо худ доштани бағоҷ боркашон уҳдадор мешавад, ки баъди анҷоми сафар онро ба мусофир ва ё шахси ваколатдори ӯ расонад. Муҳлати расонидани мусофир ва бағоҷ бо қоидаҳои аз ҷониби интиқолдиҳандаи таъйиншудаи роҳи ҳавоӣ танзим мешавад.

Ғайр аз ин, мусофиркашон уҳдадор аст, ки ба мусофирони ҳавопаймо ташкили хуби хизматрасониро ба роҳ монад, онҳоро бо иттилооти саривақтӣ ва дақиқ оид ба ҳаракати ҳавопаймо ва хизматрасониҳои он таъмин намояд. Мусофири ҳавопаймо ҳуқуқ дорад:

– ба сафар дар шароити имтиёзнок, мутобиқи қонунгузории ҶТ ва қоидаҳои муайяннамудаи боркашонии ҳавопаймоӣ;

– ройгон бурдани бағоҷ дар доираи меъёрҳои таъйиншуда. Меъёрҳои бепул бурдани бағоҷ, аз ҷумла ашёе, ки ҳамроҳи мусофир аст, вобаста ба навъи ҳавопаймо наметавонад аз 20 кг ба ҳар мусофир зиёд бошад;

– бо худ ба таври ройгон тибқи тарофаи имтиёзнок як кӯдаки на беш аз панҷсола дошта бошад, дар сайрхатҳои дохилӣ бошад, як кӯдаки на беш аз панҷсоларо бо худ дошта бошад, аммо бидуни пешниҳоди ҷойи алоҳидаи нишаст. Кӯдакони дигари на беш аз дусола, дар сайрхатҳои сафарии дохилӣ бошад, кӯдакони синнашон аз панҷ то 12 – сола тибқи тарофаи имтиёзнок бо ҷойи нишаст таъмин мешаванд;

– истифодаи ройгони хонаи истироҳатӣ, ҳуҷраи модару кӯдак, инчунин ҷой дар меҳмонхона, дар ҳолате, ки вақти сафар аз ҷониби интиқолдиҳанда

парвози ҳавопаймо ба таъхир афтад ва ё зарурати таъхири парвоз ба вуҷуд омада бошад. (саҳ. 40).

Дар зербоби сеюми боби якуми муаллиф зикр мекунанд, ки ҳамчун як тарзи ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ, товони зарар бояд гирифтани ҳамон миқдор маблағеро кафолат диҳад, ки амалан ба ҳамон миқдор зарар расонида шудааст ва мутаносибан ҷабрдидаро ба вазъияте бирасонад, ки гӯё ҳуқуқи ӯ поймол нашуда бошад.

Азбаски зарар дар ҳолати барқарор кардани он, вобаста ба иҷро накардани (иҷрои номатлуб)-и уҳдадориҳо, як шакли таъсиррасонии молу мулкӣ ё камшавии дороии ҷавобгар мебошад, даъвогар бояд дар ҷаласаи судӣ ҳолатҳои зеринро исбот кунад:

– ғайриқонунӣ будани амали (беамалии) судшаванда;

– далел ва андозаи зарари расонидашуда;

– ҷой доштани гуноҳи судшаванда;

– алоқаи сабабӣ байни кирдори судшаванда ва зарари расонидашуда.

Дар сурати мавҷуд набудани ҳадди ақал яке аз ҳолатҳои зикршуда, заминаи қонунии ҷуброни зарар аз байн меравад, агар қонунгузор ҳолати дигарро муқаррар накарда бошад (саҳ. 69,70).

Дар зербоби чоруми боби аввал ба андешаи муаллиф интиқолдиҳанда соҳибкоре мебошад, ки барои мусофиркашонӣ, бағоҷ ва бор дар асоси шартномаи ҳамлу нақл иҷозатнома дорад. Яъне оид ба иҷрои намудҳои алоҳидаи хизматрасониҳои муздноки нақлиёти воситаҳои нақлиётии коршоям, ронандаи тансиҳат ва босалоҳият дорад. Таҳлили амалӣ нишон медиҳад, ки омилҳои зикргардида дар шароити пандемияи бемории COVID – 19 ва мубориза бар зидди он хеле муҳим мебошанд (саҳ. 88).

Боби дуюми диссертатсия – «Ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон ҳангоми иҷро накардани уҳдадориҳои алоҳида» аз ду зербоб иборат мебошад. Муаллиф дар диссертатсияи худ цайд менамояд, ки мусофиркашонӣ ба таври шартӣ ба се гурӯҳ тақсим карда мешавад, яъне онҳое, ки:

– бо истифода ва пешниҳоди хизматрасониҳои мушаххаси музднок ва ройгон иҷро мешаванд;

– ба хизматрасонии нақлиётӣ дохил намешаванд, аммо дар ҷараёни фаъолияти муассисаҳо, ташкилотҳо ва мақомоти гуногун амалӣ мегарданд;

– аз ҷониби шаҳрвандон дар ҳаёти ҳаррӯза бо истифода аз воситаҳои нақлиёти алоҳида, ки ба онҳо боварӣ доранд ё ба онҳо тааллуқ доранд, анҷом дода мешаванд (саҳ. 99).

Дар зербоби дуюми боби дуюм дарҷ гардидааст, ки таъмини амният дар соҳаи нақлиёт, аз ҷумла, аз рӯи чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди шумораи садамаҳои дар давраи муайян рухдода, баҳо дода мешавад. Имрӯз зичии ҳаракат дар роҳҳо ба таври назаррас афзоиш ёфтааст. Дар баробари ин, бисёре аз соҳибони воситаҳои нақлиёт таҷрибаи ронандагӣ надоранд, ки ин албатта, дар роҳҳо хатар эҷод мекунад ва боиси садамаҳо бо оқибатҳои нохуш мегардад. Ҳамин тавр, тибқи маълумоти таҳлили оморӣ дар соҳаи нақлиёти роҳҳои оҳан ва автомобилгард, аз 1-уми январ то 30-юми сентябри соли 2015 тақрибан 367 садамаи нақлиётӣ рух додааст.

Ҳамин тариқ, садамаҳои нақлиётӣ барои ба вуҷуд омадани муносибатҳои ҳуқуқии ҷуброни зарари ба ҳаёт ва саломатии инсон расонидашуда асос мебошанд. Ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ барои ҳамлу нақл танҳо дар ҳолати мавҷуд будани асосҳо ва шартҳои муайян ба амал меояд (саҳ. 118).

Диссертатсия корӣ анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаи он барои инкишофи илм, қонунгузорӣ ва амалия ҳуқуқи гражданӣ равона гардидааст. Дар раванди таҳқиқот диссертант ба таври комплексӣ проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон тибқи қонунгузории ҶТ ба таҳлил гирифта, аҳаммияти онҳоро асоснок намуда, мафҳумҳои асосии мавзӯи диссертатсияро шарҳу тафсир карда, дастовардҳо ва норасоиҳои татбиқи меъёрҳои дахлдорро ошкор кардааст ва ҷиҳати такмили механизми ҷавобгарии ҳуқуқии мусофиркашон ва таъмини амнияти мусофирон дар нақлиёт таклифҳоро манзур намудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия вобаста ба ҳадафи пешгузошташуда ва зарурати ҳалли вазифаҳои мушаххаси таҳқиқоти мазкур тартиб ёфтааст. Диссертатсияи мазкур аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб (параграф), хулоса ва феҳристи сарчашмаҳои (маъхазҳои) истифодашуда иборат шудааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 170 саҳифаро дар бар мегирад.

**Эродҳо ба мазмун ва шакли диссертатсия.**

1. Дар 2-юм пешниҳоди диссертатсияи дарҷ шудааст, ки шартномаи мусофиркашонӣ мусофиркашонро уҳдадор мекунад, ки чунин хизматрасоние намояд, ки тибқи он ӯ бояд барои мусофирон имконияти бастани дигар шартномаҳоро вобаста ба мусофиркашонӣ таъмин карда бошад. Миёни ин шартномаҳо шартномаи ҳамлу нақли бағоҷ мавқеи асосӣ дорад. Ташкили шароит барои ҳамлу нақли бағоҷ ва ҳатмӣ будани чунин шартнома ҳангоми мавҷудияти хоҳиши мусофир ба уҳдадории мусофиркашон дохил шуда, аз қонунӣ будани муқаррароти он дарак медиҳад. Мавриди зикр аст, ки дар боби 38 «Ҳамлу нақл» КГ ҶТ шартномаи ҳамлу нақли бағоҷ ҳамчун шартномаи мустақил намебошад.

2. Дар 7-ум пешниҳоди диссертатсияи муаллиф сабт шудааст, ки ҳангоми муайян намудани ҳаҷму андозаи зарари маънавӣ пешниҳод мешавад, ки азияту машаққатҳои ҷисмонӣ аз азобҳои равонӣ (психикӣ) фарқ карда шавад. Барои зарари ҷисмонӣ ва азият метавон дигар меъёрҳои қонунро истифода кард, аз ҷумла ба ҷуброни зарари маънавӣ. Лекин дар матни диссертатсия ба таври дақиқ масъалаи мазкур мавриди таҳлил қарор нагирифтааст.

3. Муаллиф зикр намудааст, ки ҳангоми мусофиркашонии зикршуда ба сифати кондуктор ноболиғонро кор мефармоянд, ки қатъиян манъ аст (саҳ. 35). Аммо муаллиф  боби 15 Кодекси меҳнатии Ҷумҳури Тоҷикистон, ки ба хусусияти танзими меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида бахшида шудааст, баррасӣ накардааст.

Бояд таъкид гардид, ки эродҳои зикргардида масъалаи баҳснок мебошад ва ба матни диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулосаҳои дар раванди таҳқиқ бадастомада ва пешниҳодоти дар ҳамин асос ҳосилшуда ба такмили механизми ҷавобгарии ҳуқуқи граждании мусофиркашон мусоидат мекунанд. Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодоти муаллиф дар 9 мақола инъикос ёфтаанд, ки 6–тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, инчунин дар як восоити таълимӣ оид ба ҳуқуқи нақлиётии ҶТ нашр гардидаанд.

Автреферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат менамояд. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасари бобоҳои диссертатсия дарҷ гардидаанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии Қурбонализода Фурқат ба талаботи бандҳои 10 – 16 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад. Диссертатсия ба ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи граждание; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мувофиқат дошта, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 мебошад.

**Раиси коллегияи судӣ оид**
**ба парвандаҳои граждании**
**Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Қодирзода Т.Қ.**

**Имзои Қодирзода Т.Қ. – ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Додозода А.М.**

СУДИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС